САИДБЕГ САИДӢ

# ЗАМЗАМАҲОИ ҲИНДУСТОН

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-67

Муҳаррир *Гурез Сафар*

С-67 **Саидбег Саидӣ. Замзамаҳои Ҳиндустон.**
(маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Адиб»,
2012, 128 саҳ.

Агарчи аксари ашъори «Замзамаҳои Ҳиндустон»-и Саидбег Саидӣ дар вазни ҳиҷо эҷод гардидааст, муаллиф талош варзидааст, ки самари робитаҳои куҳанбунёди илмию фарҳангии халқҳои тоҷику ҳиндро хеле рангину ҷаззоб ба риштаи тасвир кашад.

ISBN 978-99947-2-184-9

© Саидбег Саидӣ, 2012



**САИДОВ САИДБЕГ БОЙХОНОВИЧ (Саидбег Саидӣ)** 15 апрели соли 1958 дар деҳаи Пехои ноҳияи Данғара дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1973 мактаби 8-солаи ба номи Абдусалом Деҳотии деҳшӯрои Сангтӯдаи ноҳияи Данғараро хатм карда, сипас таҳсили худро дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии №2 ш.Душанбе идома медиҳад. Соли 1980 шӯъбаи арабии факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро бо муваффақият хатм менамояд.

Фаъолияти кориашро аз муаллими забон ва адабиёт дар курсҳои тайёрии ДДТ оғоз кардааст.

Аз соли 1981 то 1993 ба ҳайси устоди ДДТ ба номи В.И.Ленин кор ва фаъолият кардааст.

Солҳои 1984-1987 ҳамчун тарҷумони забони арабӣ-русӣ дар Ҷумҳурии Демократии Алҷазоир ифои вазифа кардааст.

Аз соли 1993 то 1995 дар Академияи Дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия таҳсил ва аъло хатм мекунад.

Солҳои 1994-2002 котиби дувуми Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия буд. Дар ин муддат соли 1999 рисолаи номзадиашро оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар ш.Маскав дифоъ намудааст.

Солҳои 2002-2003 мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ ва солҳои 2003-2006 мудири шӯъбаи робита бо

кишварҳои хориҷии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Аз соли 2006 то 2008 Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон буд ва аз соли 2008 то имрӯз Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Ҷумҳурии Ҳиндустон роҳбарӣ мекунад.

С.Саидӣ дорои унвони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Саидбег Саидӣ ҳанӯз овони бачагӣ ба шеъргӯӣ рӯй оварда, шеърҳои аввалини ӯ дар газетаи «Навобод»-и ноҳияи Данғара, баъдан дар рӯзномаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон «Ба қуллаҳои дониш», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистон», «Садои мардум», «Ҷумҳурият», «Минбари халқ» ва дигар рӯзномаҳо ба табъ расидааст.

Китоби «Замзамаҳои Ҳиндустон» маҷмӯаи дуввуми шоир мебошад.

## ҲИНДУСТОН

Аҷаб мулки зебо аст ин кишвари Ҳиндустон,
Ҳама шаҳру деҳоташ чун бӯстону гулистон.
Сабзазору палмазор ҳар гӯшаи он бошад,
Ҳамчун баҳори хуррам тобистону зимистон.
Ин мулки беканор аст, музофоташ бисёр аст,
Дар ҳар кадоми онҳо марказҳои намоён.
Мухталиф дину адён дар ҳар кунҷу канораш,
Насронию будпараст, ҳам сикҳу ҳам мусулмон.
Таърихи куҳан дорад ин мулки афсонавӣ,
Қасрҳои қадима дар Деҳлию Регистон.
Аҷоиботи олам бино шуда дар ин ҷо,
Тоҷмаҳали нотакрор машҳур андар ҷаҳон.
Забони давлатияш ҳиндию англисӣ,
Забонҳои модарӣ барои мардум осон.
Забони форсӣ-дарӣ буд забони давлатӣ,
Дар замони шоҳии Акбархону Шоҳҷаҳон.
Саидӣ, дидан кардӣ ин мулки зебоманзар,
Лекин бароят азиз Ватанат – Тоҷикистон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*02.12.2010*

## БЕЗАВОЛ

*Ба муносибати ҷашни 150-солагии шоир ва мутафаккири бузурги Ҳинд Равидранатҳ Тҳакур бахшида мешавад*

Равидранатҳ Тҳакур, ба ту ҳазор ташаккур,
Оламро кардӣ пурнур бо донишу тафаккур.
Халқи ҳинду аз ту шод, Ҳиндустон гашта озод,
Ватанат зи нав обод, нақши душманат барбод.
Дар сад соли умри худ мардумро кардӣ хушнуд,
Асарҳоят зудозуд ба халқат раҳнамо шуд.
Сар кардӣ ту зи Бангол, таъкид кардӣ чандин сол,
Аз шаҳкитоби «Завол» умри ту шуд безавол.
Нохун задӣ фақирӣ, ғуломию чокарӣ,
Халқат равона кардӣ бар зидди зӯроварӣ.

Раият аст накӯҳол, зиндагияш бемалол,
Саногӯйи Тҳакур баъди саду панҷоҳ сол.
Суруди миллӣ дар лаб, вирди забон рӯзу шаб,
Нақши дастонат аҷаб, ҳаётат ба мо мактаб.
Умрат саросар эҷод, шоири мо, рӯҳат шод,
Имрӯз ҷашни ту обод, Ҳиндустонат зинда бод!

*Шаҳри Деҳлии Нав, 20.01.2011*

## МАҲАТМА ГАНДӢ

Падари миллат, Маҳатма Гандӣ,
Аз байни халқат ту сарбаландӣ.
Кишвари Ҳиндат обод кардӣ,
Ғамхори миллат, андарзу пандӣ.
Умре ту гаштӣ дар кӯҳу саҳро,
Дилсӯзи мардум, ту дилписандӣ.
Марому мақсад – озодии Ҳинд,
Сарвати халқӣ, ту бегазандӣ.
Кардӣ ту ҷонат нисори халқат,
Гаштӣ агарчи сад бор бандӣ.
Нутқи ту бурро, зӯру тавоно,
Раҳбари Шӯро, ту арҷмандӣ.
Чарха гирифтӣ, заҳмат кашидӣ,
Барои мардум мушкилписандӣ.
Чархаат зад чарх, кишварат зад барқ,
Эҳёи навин дар мулки ҳиндӣ.
Дар чархи гардун ситам сарнагун,
Олам дигаргун, золим фикандӣ.
Рӯҳи ту шод аст, халқат обод аст,
Пеш иқтисод аст, ту нерумандӣ.
Сутуни сабзӣ, сулҳу амонӣ,
Нури адолат, силсилабандӣ.
Саидӣ бахшад баҳри ту ашъор,
Сабзанд бо ҳам тоҷику ҳиндӣ!

*Шаҳри Аҳмадобод*
*Музофоти Гуҷарати Ҳиндустон*
*11.01.2011*

## ДЕҲЛӢ

Шаҳри каломӣ, Деҳлӣ, олимақомӣ, Деҳлӣ,
Таърихи ту қадим аст, машҳурномӣ, Деҳлӣ.
Бас қалъаи Шаҳаншаҳ, бас кӯҳнаву навӣ аст,
Ҳар ҷо навиштаҷоте бо хатти паҳлавӣ аст.
Деҳлии кӯҳна дорад таърихи кӯҳнабунёд,
Дар аҳди Бритонӣ Деҳлии Нав шуд обод.
Қутуб – минор бошад кушки баланду номӣ,
Ҳам даргаҳи мӯъминон, ҳам масҷиди Низомӣ.
Масҷиди Ҷомеъ ин аст – ин даргоҳи муқаддас,
Дар шаҳри бостонӣ ҷои баланду дилрас.
Кунгураи Ҳумоён зурва ба осмон аст,
Ин қалъаи қадимӣ осори рафтагон аст.
Шоҳи шаҳири даврон – Шоҳҷаҳон – шаҳи хос,
Имрӯз Қалъаи Сурх аз ӯ ба мост мерос.
Қимат барои мо ҳаст ин қалъаҳои кӯҳна,
Ҳам шоирони номӣ ҳастанд гуна-гуна.
Ин ҷост Бедили мо, Амир Хусрав ин ҷост,
Деҳлӣ шаҳри бузург аст, сад кӯҳнаву нав ин ҷост.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*14.12.2010*

## БЕДИЛ

Сол гузашту рафту шеърат чун дурру гавҳар шавад,
Ин ашъори пурқимат боз қиматтар шавад.
Дар дунёи имрӯза шеъри ту гашта машҳур,
Таъсири ашъори ту садҳо баробар шавад.
Пайравони бешумор, мафтуни шеъру ашъор,
Шеъри баланди Бедил баландминбар шавад.
Мадфангаҳат ба Деҳлӣ бошад басо муқаддас,
Баъди қудуми Раҳмон, албатта, дигар шавад.
Пайғоме, ки навишт ӯ дар гӯшаи мадфангоҳ,
Мардуми ҳинду тоҷик ба ҳам баробар шавад.

Абдулқодири Бедил, кас чун ту дил надорад,
Ҳар кас, ки хонд шеърат, қалбаш мунаввар шавад.
Саидбеги Саидӣ зиёрати мазорат
Карду дуои некат ӯро болу пар шавад.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*04.12.2010*

## ДУХТАРИ КАШМИРӢ

Эй духтари кашмирӣ, ҳиҷоби худ бадар кун,
Ба сӯи марди ошиқ як лаҳзае назар кун.
То ки бинам чашмонат, он чеҳраи хандонат,
Бошам ошиқ, эй санам, ишқи маро сипар кун.
Аз роҳи дур омадам, дидани нур омадам,
Ду дидаи хираам ту каме равшантар кун.
Омадам ман ба зора чун ошиқи бечора,
Ин ғуссаи диламро ту каме сабуктар кун.
Аслу насаб Кашмирӣ, оё медонӣ, парӣ,
Дили маро мебарӣ, онро ту пур шарар кун.
Ба мулкат гаштам меҳмон, ба дидорат ман пазмон,
Равшан бикун қалбу ҷон, ба мулки ман сафар кун.
Қашангию зебоӣ, аз бахри ошноӣ,
Бар дидаи ман ҷоӣ, нисби ман зафар кун.
Саидӣ, ту зи Хатлон, дидан кардӣ Паҳлгон,
Ҷонатро бикун қурбон, назар ба он духтар кун.

*Кашмир, Паҳлгон,*
*23.03.2011*

## ПАҲЛГОН

Дар ин рӯзи фирӯзӣ, дар ин ҷашни наврӯзӣ
Табрики мо қабул кун бо тӯҳфаи гулдӯзӣ.
Дар мавсими баҳорон ман омадам Паҳлгон,
Як ҷои зебоманзар дар кишвари Ҳиндустон.
Арчазори бешумор дар ин қитъаи кӯҳсор,
Дар талу кӯҳу теппа рӯида қатор – қатор.

Ҳам сарв асту санавбар, саф кашида бар ба бар,
Сарсабз асту мунаввар, хуррам асту муаттар.
Ин кӯҳи сар ба осмон, аз дур гардад намоён,
Дорад ҳазор ошён, охири он каҳкашон.
Барфи сафед нуқрагин, дар қуллаи кӯҳ, бубин,
Оби шафофи ширин равон бошад шир барин.
Як ҷӯбору ду ҷӯбор бо ҳам шаванд обшор,
Ҷорӣ шавад зи кӯҳсор бо Ледари[1] беқарор.

*Кашмир, Паҳлгон,*
*25.03.2011*

## ДАР ШАҲРИ КОНПУР

Мо дар шаҳри Конпурем,
Аз Деҳлӣ хеле дурем.
Аз мизбонон, дӯстон,
Мо хеле ҳам масрурем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Машҳур кард моро
Бо рақси бас дилошӯб
Дастаи «Чаманоро».

Мо дар шаҳри Конпурем
Ҳамроҳи санъаткорон.
Хурсанду шоду масрур
Мо аз дидори ёрон.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо Нозия машҳурем.
Бо оҳанги ҳиндияш
Асал барин зарурем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо Олуфта пурнурем.
Бо ин зани шоиста
Хуррам ба базму сурем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Тифоқу ҷамъу ҷӯрем,
Бо рақсҳои хуҷандӣ
Марворидему дуррем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Ҳиндӣ тарҷумон дорем,
Меҳринисои Солеҳ,
Яъне меҳрубон дорем.

[1] Номи дарёчаи кӯҳӣ дар Музофоти Ҷамму ва Кашмири Ҳиндустон

Мо дар шаҳри Конпурем
Дилҳоро ба даст орад
Бо устоди донишгоҳ.
Заррина Раҳматуллоҳ.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо санъати халқияш
Ширмоҳи ғамхор дорем.
Нағмаи дутор дорем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо ин санами зебо
Моҳрухон дилбар дорем.
Дунёи дигар дорем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо духтари зебояш
Меҳрубон модар дорем.
Нуру зебу фар дорем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо Фирӯза Аюбзод
Дорем як устоди рақс.
Якҷоя гирифтем акс.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Ҳамдиёри Камолу
Бо «Тоҷикон» машҳурем.
Бобоҷони Ғафурем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо Эмомалии Раҳмон
Аз Ватан хеле дурем.
Тавоною пурзӯрем.

Мо дар шаҳри Конпурем,
Бо «Духтари Панҷобӣ»
Саидӣ шоир дорем.
Маҳбуби ин диёрем.

*Шаҳри Конпур*
*Музофоти Уттар Прадеши Ҳиндустон*
*14.02.2011*

## «ГИТА МИЛЛА»

*Ба ҳайати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ки дар анҷумани «Гита Милла» иштирок намуданд,*
*бахшида мешавад*

Дар кишвари Ҳинд, дар Уттар Прадеш,
Гаштем меҳмон, бо хоҳиши хеш.
Дар шаҳри Конпур, шодию сурур,
Мардумаш пурнур, фарҳангаш машҳур.

Хонума Уша, дӯсти тоҷикон,
Кардааст даъват тоҷикдухтарон.
Анҷумани мо дорад силсила,
Номи анҷуман – ҳаст «Гита Милла»,
Овози тоҷик ин ҷо баланд аст,
Ин дӯстиҳо бас дилписанд аст.
Саидӣ, имрӯз дар шаҳри Конпур,
Тоҷики худро гардон ту машҳур.

## РАҚҚОСАИ ЧИНОӢ

Рақсат аҷаб дилошӯб, раққосаи чиноӣ,
Бо қомати расоят зебову дилрабоӣ.
Рангибаранг ҳастӣ, рашки Фаранг ҳастӣ,
Бемислу бемисолӣ, ҳаққо, ки зеби моӣ.
Рақсат маҳину мавзун, дилҳо ту мекунӣ хун,
Ашкам шудаст Ҷайҳун, охир чунин чароӣ?
Худро ту мор кардӣ, моро шикор кардӣ,
Рақсӣ ту нӯг-нӯги по, ҳам шӯху ҳам балоӣ.
Эй товуси хиромон, рақси баҳор дорӣ,
Нозу карашмаҳоят гӯяд, ки бебаҳоӣ.
Чун духтарони тоҷик қаддат баланду борик,
Чӣ мешавад зи саҳна пеши Саидӣ оӣ.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*16.10.2010*

## ҶАВОНИ КАШМИРӢ
*Қисса*

Ин ҷавони Кашмирӣ
Шуд ошиқи як парӣ.
Номаш бошад Таслима,
Зебо ҳасту ҳалима.
Номи ҷавон Сарфароз,
Ӯ хеле меҳмоннавоз.
Падари ӯ бемор буд,
Ба касалӣ дучор буд.
Ӯ кард хоҳиш аз писар,
Ба занӣ гир ин духтар,
То ки дар зиндагиям
Тӯи туро бубинам.

Сарфароз гуфт: падарҷон,
Ба хотират тӯй кунам,
Он гаҳ тӯйи калон шуд,
Баъди тӯйи арусӣ,
Аз онҳо шуд як духтар,
Падараш ҳам сиҳат шуд,
Беморияш бадар шуд,
Ин оила хушҳол аст,
Худо, шавад ҷаҳонгир

Ман бошам хеле ҷавон,
Табли хурсандӣ занам.
Хона пури меҳмон шуд.
Муҳаббату ҳолпурсӣ…
Хушрӯ мисли кабӯтар.
Ҷони ӯ дар роҳат шуд.
Ҳама ғам пушти сар шуд.
Зиндагӣ бемалол аст.
Ин хонадон дар Кашмир.

*Сунмарг, Кашмир, Хиндустон,*
*30.07.11*

## МОДАР

Зиндагӣ дорам дар шаҳри Деҳлӣ,
Кӯдаке дидам ба номи Чаднӣ.
Кӯдаки ширхор рӯи алафзор,
Модари худро ӯ буд интизор.
Хоҳари калон ба ӯ нигаҳбон,
Кӯдаки хурдро бувад соябон.
Модари ширхор машғул аст ба кор,
Зиндагӣ бошад барояш душвор.
Аз субҳи содиқ то намози шом,
Ба кор овора ин модар мудом.
Музди кори ӯ хеле ночиз аст,
Лекин фарзандон барош азиз аст.
Гармии ҳаво гардида боло,
Гиряи кӯдак гашта ҳувайдо.
Хоҳари калон бирафта чақон
Кӯдакро бардошт бо ҳарду дастон.
Бигзошта ӯро дар таги девор,
Соябоне ёфт барои ширхор.
Баъди кору бор модари ширхор,
Шуда раҳсипор ба сӯи бозор.
Зеро гирифта музде зи кораш,
Қути лоямут баҳри ширхораш.

Ин зани ҳинду кунад ҷустуҷӯ
Кори наверо барои нумӯ.
Ҳар субҳи содиқ пеш аз баромад
Аз Худо пурсад ба кораш омад.
Дар байни абрӯ холе гузорад,
Ин холи ҳинди бахташ биёрад.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*15.07.2011*

## ПИРЯХИ КӮҲӢ

Пиряхи кӯҳӣ, ту бошукӯҳӣ!
Пиряхи кӯҳӣ, ту пурфутӯҳӣ!

Туӣ батадбир, туӣ зани пир,
Туӣ пурсафо, туӣ ҷаҳонгир.

Туӣ ҷилодор, туӣ садодор,
Туӣ нигаҳдор, олами асрор.

Пиряхи кӯҳӣ, яхи сафедӣ,
Пиряхи кӯҳӣ, файзу умедӣ.

Пиряхи кӯҳӣ, оби зулолӣ,
Пиряхи кӯҳӣ, бадру ҳилолӣ.

Пиряхи кӯҳӣ, ту ҳастӣ модар,
Шири ту бошад софу мунаввар.

Шири ту бошад оби сафоят,
Оби ҳаёт аст бар чӯҷаҳоят.

Ҳар бути олам аз ту умедвор,
Сарсабзу хуррам водию кӯҳсор.

Дар паҳлӯи ту дарахти арча,
Навниҳолонат ғунча ба ғунча.

Гирду канорӣ кӯҳу асарзор,
Баччаҳои ту туро интизор.

Ту дар болои кӯҳи калонӣ,
Барои мардум боми ҷаҳонӣ.

Дар болои сар абри сиёҳ аст,
Бар ҳастии ту пушту паноҳ аст.

Нигаҳбонӣ ту чун чатри ҳиндӣ,
Гоҳе ту рӯи хуршед бандӣ.

Бузургии ту абри сиёҳ аст,
Барфи навинаш туро кулоҳ аст.

Рӯмоли сафед бар сар гузорад,
Ин рӯмоли ту нуқрае дорад.

Бориш фаровон бар танат ҷома,
Ҳам хирқаи нав, ҳам як поҷома.

Хунукии сард зарар надорад,
Бар тани сангин асар надорад.

Гар шавад сардӣ, дилат пурқувват,
Оби шифоят ба мардум роҳат.

Лекин сад афсӯс, дар қарни навин,
Ҳаёти ту ҳам гашта бас вазнин.

Ин буғу бухор дар даври навин,
Кардаст туро мисли мо ғамгин.

Гармии дунё афзунтар шудаст,
Ҳаёти мардум дар хатар шудаст.

Гармии олам туро бемор кард,
Баччагони атро ӯ ҳам шикор кард.

Яке паси ҳам duздида барад,
Яхчаҳои хурд барчида барад.

Ин ҷаҳон обод аз одамизод,
Ин ҷаҳон фасод аз одамизод.

Дастатро баргир аз модари пир,
Чаро ту гаштӣ чунин домангир!

Эй пиряхи пир дар кӯҳи Сунмарг,
Рӯ ба рӯ гашта ҳаётат бо марг.

Эй пиряхи пир дар кӯҳи Кашмир!
Эй пиряхи пир дар кӯҳи Помир!

Эй ҷавону пир, халқи ҷаҳонгир!
Ҷӯед тадбир! Ҷӯед тадбир!

*Сунмарг, Кашмир*
*01.07.2011*

## КАШМИР

Рафтам ба сӯи Кашмир бо орзӯи ҷонон,
Аз ҷилваҳои зебо шуд чашми ақл ҳайрон.
Ҳар сӯ нигоҳ кардам, сарсабз буду пургул,
Дилҳо ҳама шукуфта, лабҳо тамом хандон.
Ҳар чашмро, ки дидем, чун чашми ҳуриён буд,
Ҳар чеҳра медурахшид чун офтоби тобон.
Аз табъи завқам он ҷо шеъри зулол мерехт,
Шеъри зулолу рӯшан чун оби чашмасорон.
Ҳар рӯдро дар он ҷо ҳамчун ғизол дидам,
Мерафт аз дилу дашт гаҳ тунду гаҳ хиромон.

Ҳар даштро, ки дидам, ғарқи санавбарон буд,
Ҳар кӯҳро, ки дидам, сад чашмааш ба домон.
Кӯҳе, ки сар кашида дар осмони Кашмир,
Тоҷи Зумуриддин аст бар торуми Сулаймон.
Эрони хурд он ҷост бо хулқу хӯи тоҷик,
Мири Кабир омад, шуд сарзамини ирфон.
Дарёчаест зебо, обаш бувад мусаффо,
Аз софии замираш аксат дар он намоён.
Ҳар шому ҳар саҳаргаҳ дил пар кашад ба он сӯ,
Ҷони Саидӣ он ҷо дар орзӯи ҷонон.

*Ҳиндустон, Кашмир, Сунмарг*
*12.07.2011*

**БИЁ**

Бархезу наздам биё, эй дилбари нозанин,
Ранги рухамро нигар, дарди диламро бубин.
Дилтанги рӯят шудам, побанди мӯят шудам,
Маҷнуни рӯят шудам, эй Лайлии маҳҷабин.
Ҳамвора меҷӯямат, эй гуҳари бебаҳо,
Пайваста мехонамат, эй неъмати дилнишин.
Дар осмони хаёл, эй лӯълӯи бемисол,
Ҳар шом мебинамат, эй моҳи болонишин.
Дар Ҳинди афсонавӣ гуҳар бувад бешумор,
Аммо нигоҳи ту ҳаст тоҷи сарамро нигин.
Оварда боди сабо атри туро сӯи ман,
То шодмонам кунад бӯят дар ин сарзамин.
Мехоҳам аз Кирдгор бо ҷони уммедвор,
Аз дасти ин рӯзгор ҳаргиз набошӣ ҳазин.
Ид асту идӣ туӣ, ҷони Саидӣ туӣ,
Дар ишқи ту содиқам то лаҳзаи вопасин.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*18.07.2011*

## ЁРИ НАМАНГОНӢ

Эй ёри намангонӣ, ту навгули хандонӣ,
Аз дард чӣ мефаҳмӣ в-аз ишқ чӣ медонӣ?
Ман дар паи доной, ту ғарқи худорой,
Ман шеъру ғазал гуфтам, ту шеър намехонӣ.
Аз ту на паём омад, на ному нишон омад,
На ҳарфу баён омад, ман монда ба ҳайронӣ.
Ту дил ба касе додӣ, бар булҳавасе додӣ,
Гавҳар ба касе додӣ, ҳаммаслаки турконӣ.
Ай зӯҳраи зебой, дар аҳд намепой,
Гар қадри маро донӣ, боз ой ба меҳмонӣ.
Ман ошиқи хатлонӣ, аз дудаи Сомонӣ,
Дар ишқи туям, ҷоно, омодаи қурбонӣ.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*18.07.2011*

## ЗУД ОМАДӢ, ХУШ ОМАДӢ

*Эҳдо ба ҳамсари меҳрубонам*

Эй ҷони ман, ҷонони ман, зуд омадӣ, хуш омадӣ,
Эй булбули хушхони ман, зуд омадӣ, хуш омадӣ.
Бе ту кашида сад азоб, ҳам бе кабобу бе шароб,
Аз чашми ман дур аст хоб, зуд омадӣ, хуш омадӣ.
Аз асли худ бегонаам, не меҳмон дар хонам,
Равшан набуд кошонаам, зуд омадӣ, хуш омадӣ.
Эй нағмаи чилтори ман, эй машъали дидори ман,
Эй гулбуни бехори ман, зуд омадӣ, хуш омадӣ.
Ман бандаи уммедвор, дорам мадад аз Кирдгор,
Ҳастам туро ман дӯстдор, зуд омадӣ, хуш омадӣ.
Будам ғарибу нотавон дар гармии Ҳиндустон,
Кардӣ Саидиро ҷавон, зуд омадӣ, хуш омадӣ.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*15.07.2011*

## ЁДИ ДИЁР

Омадам Деҳлию дилгир шудам,
Дигар аз зиндагиям сер шудам.
Шодмонӣ ба дилам рӯ овард,
Чун сӯи Ҷаммуву Кашмир шудам.

Омадам Деҳлию дилгир шудам,
Бо ғаму ғуссаи худ пир шудам.
Меҳри Кашмир ба ҷонам таъбир,
Рӯшан аз маърифати Мир шудам.

Омадам Деҳлию дилгир шудам,
Дар фироқи ватанам пир шудам.
Аз сари Қуллаи Ҳимолоё
Сӯи Помир сарозер шудам.

*Ҳиндустон, Кашмир, Сунмарг*
*22.07.2011*

## ХИТОБ БА ЗАҲҲОКОНИ АСР

Эй душмани раҳмонӣ, бебаҳра зи виҷдонӣ,
Бо хислати шайтонӣ, вайронгари инсонӣ.
Эй рӯбаҳаки маккор, ҳастӣ ту басе ғаддор,
Тоҷик бувад чун шер, ту душмани шеронӣ.
Гуфтӣ ки яке суғдӣ в-он як бувад аз Хатлон,
Аз ваҳдати тоҷикон ту ҳеҷ намедонӣ.
Хатлонию ғармӣ ҳам ҳамзоди Зарафшонанд,
Моем ҳама яктан суғдию бадахшонӣ.
То чанд кунӣ такрор он шеваю он рафтор,
Шармет намеояд аз он ҳама қурбонӣ.
Бо ин ҳама заҳҳокӣ, бо зиштию нопокӣ,
Оё ту аз ин хокӣ? Ин аст мусулмонӣ?!

Он рӯз ҳама буданд дилхаставу бишкаста,
Имрӯз ҳама ҳастанд дар сулҳу фаровонӣ.
Бо лутфи Худовандӣ сулҳ аст дар ин сомон,
Ҳар рӯз ба сомон бод ин давлати Сомонӣ.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*21.07.2011*

## ШИНОВАР

Як шиноваре дидам, як диловаре дидам,
Нотарсу далеру зӯр дар ҳар хатаре дидам.
Ғарқидаазизонро ӯ пайки наҷот орад,
Навмедғариқонро якбора ҳаёт орад.
Мардум ҳама дар хоб аст, ӯ ҳаст вале бедор,
Ӯ ҳаст басе чобук, ӯ ҳаст басе ҳушёр.
Аз ҷаҳл ба рӯи об бас камбағалу арбоб
Ӯ карда ба пушташ бор оварда канори об.
Об аз баданаш берун орад ба шитоб алъон,
Ҳам дода нафас бо лаб в-аз нав бидарорад ҷон.
Н-ояд нафасаш берун, ҷонаш ба хатар бошад,
Дар ҳар задани қалбаш сад азми дигар бошад.

*Гоа, Ҳиндустон,*
*30.12.2010*

## ДАР КАШМИР

Кардам сафар ба Кашмир, дилро ба он бидодам,
Зебоии ин кишвар зинда бикард ниҳодам.
Аз як водӣ бар дигар анҷом бидода сафар,
Бо тасвири табиат он ҷо дафтар кушодам.
Чунон зебо дарёфтам ин кишвари баландкӯҳ,
Арӯс гуфта ӯро тоҷи зараш бинҳодам.
Ҳам хониши булбулу ҳам накҳати гул он ҷо,
Чакар зада ҳар тараф бо шеъри тоза шодам.

Раста-раста дарахтон дар кӯҳу дашту даман,
Манзараҳои зебо – сарчашмаи эҷодам.
Тавалло карда дарахт, то ки ба мо диҳад бахт,
Ба арӯси навниҳол рози дилам кушодам.
Он пироҳани кӣ буд, қалби маро даррабуд,
Пироҳани фохира ба тӯяш тӯҳфа додам.
Ин қабои сап-сафед кушода дари умед,
Ба тани нозанинаш тиллову зар ниҳодам.
Назар кардам ба боло, бидидам кони тилло,
Тақдири ин хазина маҳкам кард эътиқодам.
Саидӣ шуд санохон ба ин мулки ҳамадон,
Ҳамчун фарзанди Хатлон шоири Худододам.

*Кашмир, Деҳлӣ.*
*Болои ҳавопаймо.*
*03.07.11*

## САЙРИ ҶАҲОН

Кардам сайри ин ҷаҳон, ҳам Эрону Покистон,
Сафар карда Аврупо, меҳмон шудам дар Ҷопон.
Рафтам ба мулки араб, ба Саҳрои ташналаб[1],
Ҳамчун адои хизмат ҷои зист дар биёбон.
Русия ҷои таҳсил, мардумаш хеле оқил,
Иштирокам дар маҳфил, дӯстиямон ҷовидон.
Ба Кобул сафар кардам, ҷонро дар хатар кардам,
Аз туфанг ҳазар кардам, дустӣ кардам бо афғон.
Дидам кишвар ҳамчунин, сафар кардам ман ба Чин,
Дар таърих Чину Мочин, пешрафта ҳаст дар ҷаҳон.
Даҳ соат тори ҳаво, рафтам сӯи Амрико,
Аввал шунидам «Ҳелло», молу амвол ҷовидон.
Кардам сафар ба Сеул, ба машомам бӯи гул,
Хӯрок ҳама қаламфур, мутараққӣ бо телфон.
Дидан кардам зи Тайланд, зиндагӣ ҳаст мисли қанд,
Касе ба мо надод панд, сайёҳ зи рӯи ҷаҳон.

---

[1] Саҳрои Алҷазоир

Афсонавӣ Ҳиндустон, зиндагиям ин замон,
Худо гӯям ҳар рӯзе, ки равам Тоҷикистон.
Саидӣ надид кишвар дар тамоми баҳру бар,
Ба мулки ӯ баробар, зинда бош, Точикистон!

*Шаҳри Деҳлӣ*
*10.07.2011*

## АҶОИБ ДУХТАР

Дар шаҳри Гандинагар, дар кишвари Ҳиндустон,
Дидам аҷоиб духтар аз мулки Тоҷикистон.
Ин духтари регарӣ, хушрӯй мисли парӣ,
Ҳайати Тоҷикистон ӯ мекунад сарварӣ.
Сухангӯй асту зебо ин санами дилоро,
Қаду қомати расо, ҳам чеҳраи гуворо.
Ҳам гӯяд аз иқтисод дар шаҳри Аҳмадобод,
Такрор мегӯяд ӯ Тоҷикистон зинда бод.
Ӯ бошад дар ҷустуҷӯ бо сад рафтори накӯ,
Бо маблағгузори Ҳинд ӯ ҳаст дар гуфтугӯ.
Қадри кишвараш донад, мақсадашро фаҳмонад,
Бахри иҷрои мақсад чандин забонро донад.
Худо шавад муттако бар духтари дилрабо,
Саидӣ мададгорат, эй парии беҳамто!

*Шаҳри Деҳлӣ*
*23.05.2011*

## ВАРЗИШГАРДУХТАР

Ту духтари варзишӣ, Хело ҳам пурарзишӣ.
Мекунӣ тирандозӣ, Бо қаду баст менозӣ.
Ҷингиламӯ ту бошӣ, Хеле хушрӯ ту бошӣ.
Зулфаконат хамида, Ҳар тараф тор кашида.
Ду рухсорат маҳин аст, Ду абру нозанин аст.
Оҳусифат ду чашмон, Ҳам ақиқу ҳам марҷон.

Рухсора себи хубон,
Туӣ санами хандон.
Пистадаҳон ту бошӣ,
Моҳи осмон ту бошӣ.
Дандонҳо чун марворид,
Ба сӯям медурахшид.
Гардандароз ту бошӣ,
Баландпарвоз ту бошӣ.
Гарданат мисли кафтар,
Парвоз кунӣ ба ахтар.
Дастакони булӯрин
Худ хонуми нозанин.
Пеши бари баҷой,
Сорухи Амрикоӣ.
Кишмиш барин нӯги он,
Монанди қанди Ҷопон.
Ду сина мисли анор,
Ту санами хушгуфтор.
Ошиқонро қиёмат
Бошад ин қаду қомат.
Почаконат дароз аст,
Ба қомат хеле соз аст.
Панҷаҳоят сап-сафед,
Маҳин ҳамчун барги бед.
Қаду қомат ба ҷонам,
Бароят шеър хонам.
Эй санами лоларух,
Ба саволам гӯ посух.
Бигирам андар канор,
Бишав барои ман ёр.
Интизорат мешавам,
Аниқ, ёрат мешавам.
Ман ҳам гардам варзишгар,
Ба ту ошиқам, духтар.
Эй ҷавон, бош бо умед,
Роҳи ту гардад сафед.
Агар хоҳӣ муштипар,
Варзишгар шав, варзишгар.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*08.12.2010*

## ДУХТАРИ АВРУПОӢ

*Ба Терезаи Олмонӣ бахшида шудааст*

Духтари Аврупоӣ,
Ту аз ҳама зебоӣ.
Бо ин ҳусни дилрабо
Ту аз ҳама болоӣ.
Мӯҳои ту тилоранг,
Худат санами қашанг.
Пироҳанат гулобӣ,
Ту хеле ҳам камёбӣ.
Мекунӣ машқи варзиш,
Дорӣ ба дунё арзиш.
Мӯрчамиён ту бошӣ,
Ороми ҷон ту бошӣ.
Ширинзабон ту бошӣ,
Гули хандон ту бошӣ.
Дидам туро ин пагоҳ,
Аз ҳуснат гаштам огоҳ.
Акнун шавам интизор,
Барои гуфтугузор.
Хоҳам дилам кушоям,
Мисли булбул сароям.
Диламро пора кардӣ,
Маро овора кардӣ.

Ишқи дилам қабул кун, Маро кардӣ ту Маҷнун.
Саидбегро дӯст гир, Биҷӯ барояш тадбир.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*05.12.2010*

## БА РАҚОССАИ БАНГЛАДЕШӢ

Ин шеър ба Истамана Раҳман, ки дар солгарди 112-умини шоири халқии Бангладеш Қазӣ Назрул Ислам дар толори Сафорати Бангладеш дар шаҳри Деҳлӣ рақсида буд, бахшида шуд. Шеъри мазкур дар анҷоми шаби фарҳангӣ аз тарафи муаллиф қироат гардид. Ӯро ба назди минбар Сафири Бангладеш дар Ҳиндустон, ки ин базмро ташкил карда буд, ҷаноби Тарик Карим даъват намуданд. Шеър бо забони форсӣ қироат гардида, ба забони англисӣ тарҷума карда шуд.

## ИСТАМАНА РАҲМАН

Эй Истамана Раҳман, Гули хушбӯйи Ватан.
Рақс кунӣ дар чаман, Нигоҳат танҳо ба ман…

Ватани ту Бангладеш, Дили маро кардӣ реш.
Давре бизан ту ба пеш, Наздик бинамат ба хеш…

Рақси ту хеле мавзун, Дилҳоро мекунад хун.
Ту Лайлию сад Маҷнун, Карашмаат дилафзун.

Дар базми шоири худ, Ҳамаро кардӣ хушнуд.
Ба дилҳо шодӣ афзуд, Хушбахт шудам беҳудуд.

Эй ракосаи нодир, Ба зинда кардан қодир,
Ин гули Бангладеш Маро гирад ба худ хеш.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*15.07.2011*

## ЗОДРӮЗ

*Ба Сафири Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҳиндустон*
*ҷаноби Давлат Куанишев бахшида мешавад*

Имрӯз рӯзи шодӣ,
Зодрӯзи Давлат имрӯз,
Рӯзи муборакбодӣ.
Рӯзи муҳаббат имрӯз.

Панҷоҳ соли пурфайз,
Бошад ба рӯи дунё
Панҷоҳ соли эҳсон,
Мисли Давлат кам инсон.

Таъин ӯ гашт сафир,
Дар кишвари Ҳиндустон
Фавқулодда ва кабир.
Аз мулки Қазоқистон.

Гулмира ҳамсари ту,
Доимо дар бари ту,
Ҳам болу ҳам пари ту.
Ҳамчун гули тари ту.

Як духтару як писар
Бошанд онҳо доимо
Ёрирасони падар,
Ба падарашон сипар.

Мадинаҷон дар Лондон,
Ин ду шахси баркамол
Дар пешатон Даримон.
Фардои Қазоқистон…

Дар ин рӯзи муборак
Гулчанбарҳои зебо
Тӯҳфаҳотон қаторак,
Хонаро дода оро.

Сафирони гуногун
Қабул намо табрикот
Аз Аврупо то Ҷопон,
Аз Саидбеги Бойхон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*29.11.2010*

## БИЗАН СЕТОР

*Эҳдо ба устод Падма Шри Пандит Бҳачан Соларӣ*

Навои тори ту бисёр,
Навои кабки дар кӯҳсор,
Навои ошиқи бемор,
Бизан сетор, бизан сетор.

Задӣ нохун ба гӯши дил,
Ба овози ту ман қоил,
Хаёлам рафт бар соҳил,
Бизан сетор, бизан сетор.

Гаҳе гармӣ, гаҳе сардӣ,
Маро обу адо кардӣ,
Гаҳе мамнун, гаҳе дардӣ,
Бизан сетор, бизан сетор.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*06.01.2011*

## ФАРХУНДАМАРД

*Ба профессор Худойназари Асозода*

Устоду аҳли фазлӣ, доноию баэҳсон,
Шодам аз он ки гаштӣ дар мулки Ҳинд меҳмон.
Осори аҳли дониш умре ту карда таҳқиқ,
Худ ҳам бигашта охир аз ҷумлаи бузургон.
Аз Садриддини Айнӣ то Содиқи Ҳидоят,
Тадқиқ кардаӣ, эй фархундамарди Хатлон.
Заҳмат кашидаӣ бас дар роҳи илму дониш,
Фарзандҳо батолеъ, шогирдҳо фаровон.
Қалби накӯю сода дорӣ ту, Асозода,
Ҳам чеҳраи кушода, ҳам ҷони пур зи ирфон.
Кардӣ суроғи Бедил, дидӣ ту Боғи Бедил,
Аз баъди ин Саидӣ умре туpост пазмон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*01.02.2011*

## НОЗИЯ

*Бахшида ба шаби эҷодии Нозияи Кароматулло*

Рӯҳи падар шод бод,
Манзилаш обод бод!
Мухлисонат ба ҳар ҷо
Ба як иттиҳод бод!
Мисли падар ҷигарбанд
Дасти ҳунар гирифта,
Ҳар лаҳзаи гуворо
Шеъри нав эҷод бод!
Аз оҳанги нозанин,
Аз арӯси маҳҷабин,
Аз лиқои дилнишин
Пиру ҷавон шод бод!

Қаду қомати расо,
Ин булбулаки зебо
Нозу карашма дорад,
Дилҳоро ба даст орад,
Таронаи тоҷикӣ
Аз сарӣ[1], холи ҳиндӣ
Нозия нозу ноз аст,
Ҳамчу падар маромаш
Саидӣ, чорае ҷӯй,
Ин ситораи санъат

Ҳам чеҳраи дилкушо,
Аз ғусса озод бод!
Аҷоиб гаште дорад,
Илоҳо, обод бод!
Тасхири қалби ҳар кас,
Замзамбунёд бод!
Нозу сӯзу гудоз аст,
Ҳама дар иршод бод!
То ки ояд ба Деҳлӣ,
Дар касбаш устод бод!

## ҲУСНИ ҶАҲОНГИР

Имрӯз ҳаво ғубор шуд,
Ҳаво хеле тира шуд,
Тора-тора борон шуд,
Паси парда шуд афтоб,
Ҳаракат ҳам душвор шуд,
Яке бар дигар занад,
Пачақ шуд пешу қафо,
Аз чунин гарду ғубор
Синаҳо пури ғам шуд,
Худоё, Парвардигор,
Зеро ҳастам равона
Маро бошад интизор,
Офтоб кушода рӯяш,
Ин нури нури афтоб,
Аз равшании гардун,
Ҳусни Ширмоҳу афтоб
Ҳусни офтоб, ҳусни ёр,
З-ин ду ҳусни ҷаҳонгир

Хунукии бисёр шуд.
Пеши чашмон хира шуд.
Гирён абри найсон шуд.
Олам гӯё бошад хоб.
Сайёраҳо қатор шуд.
Тирезаҳо бишканад.
Ин бошад хости Худо.
Ба азобем гирифтор.
Ҳама дарду алам шуд.
Офтобро тезтар биёр.
Ба назди он ҷонона.
Ҳамон ёри дилозор.
Ёрам кушояд мӯяш.
Ҷилвабахши он маҳтоб.
Ҳусни ӯ гардад афзун.
Ба ҳам хӯрад печутоб.
Ҳарду бошад нотакрор.
Бишуд Саидӣ шоир.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*22.12.2010*

---

[1] Ишора ба сару либоси ҳиндӣ

## БОРОНҲОИ ҲИНДУСТОН

Шибир-шибир меборад
Аҷаб мулки хуррам аст
Дар айёми тобистон,
Ин кишвари Ҳиндустон.

Шибир-шибир меборад,
Барои аҳли башар
Аҷаб садое дорад,
Ин боронҳо мефорад.

Шибир-шибир меборад
Ин мулки гарму тафсон
Дар кӯҳу дашту даман,
Аз сари нав шуд чаман.

Олам шуд тару тоза,
Манзараи Ҳиндустон
Мисли рӯи Шаҳноза,
Зебову сабзовоза.

Худо шавад ин борон
Ҳар баҳор борон шавад,
Дар мулки Тоҷикистон,
Файз ба деҳқон шавад.

## МУМБАЙ

Дар шаҳри Мумбай биное дидам,
Зебою дилкаш хуш ҷое дидам.
Қуллаҳои он аз дур намоён,
Ин қасри зебо силсилаошён.
Ҳавзе дар он ҷо чун ҳавзи кавсар,
Оби мусаффо чун дурру гавҳар.
Боғи муаллақ дар паҳлӯи он,
Сарсабзу хуррам ҳамчу гулистон.
Дар арши бино майдон бемалол,
Ҷои нишаст аст барои чархбол.
Аз рӯи замин то арши сангин,
Гулҳои рангин карда махмалин.
Соҳиби бино одами доро,
Ба мо надорад ҳеҷ кору савдо.
Бароям роҳат ин боғу накҳат,
Чун Тоҷикистон ту ҳастӣ ҷаннат.

*Шаҳри Мумбай*
*02.2011*

## ХОНУМИ БАНГОЛӢ

Эй хонуми банголӣ, мисли оби зулолӣ,
Абрӯвони пайваста, зебою хушҷамолӣ.
Номат бошад Мадхура, маро кардӣ овора,
Чашмонат ханда дорад, доною бемисолӣ.
Зулфакони ҳамида, абрӯвони кашида,
Ҳамчун кабки рамида хонию хушиқболӣ.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*01.2011*

## ҶОНОН

Духтари Ҳиндустонӣ, як санами ҷононӣ,
Бо он холи пешонӣ ту бисёр ҳам гаронӣ.
Хушрӯ ҳастию зебо, он чашмони дилрабо,
Қаду қомати расо, он чеҳраи гуворо.
Он абрӯи пайваста, байнашон хол биншаста,
Он чашмони хуҷаста сӯи ман бингариста.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*01.2011*

## ОФАРИН

Аз мулки Тоҷикистон, мо омадем ба Санҷон,
Як шаҳри зебоманзар, дар гӯшаи Ҳиндустон.
Ба мардуми сарзамин ҳамду сано, офарин,
Зеро нигоҳ доштанд муқаддасоти Эрон.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*01.2011*

## ПОРАҲО

Равам боғе, ки нахли себ дорад,
Тамошо бо ту он ҷо зеб дорад.
Зи дарди саҳлакак ғамгин машав ту,
Ки он дар пайкарат осеб дорад.

* * *

Якҷоя тамошо чӣ сафое дорад,
Раҳгардии Ширмо ба ман мефорад.
Ҳарчанд қадам занам аз ӯ тезтарак,
Ишқи ӯ маро боз зи раҳ медорад.

* * *

Дар боғи сари роҳ манам роҳравон,
Бо доғи дилам қадам занам оҳкашон.
Мардум пурсад: «чӣ доғ дорӣ дар дил»,
Гӯям, ки манам дур зи Тоҷикистон.

* * *

Эй модари ҷон, чаро ту аз ман дурӣ,
Эй ахтари ман, барои ман ту нурӣ.
Кардам сафари Ҳинду бигаштем ҷудо,
Эй гавҳари ман, макаш ғаму ранҷурӣ.

* * *

Калонӣ, гар писар, баъди падар ҳаст,
Ва баъдина ба ӯ ҷону ҷигар ҳаст.
Худовандо, диҳад умри камолот,
Ки охир ҳар кадом акнун падар ҳаст.

*Шаҳри Деҳлӣ,*
*01. 2011*

## КӮҲИ СИЁҲ

Ту баланду сияҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ,
Ту аҷаб каҷкулаҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ.
Ту ки дар пеши манӣ шому саҳар,
Ҳама зеби нигаҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ.
Ба куҷое, ки равам ман ба сафар,
Ту дуогӯи раҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ.
Ҳама ҷо карда сафар баҳри Ватан,
Ту маро қиблагаҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ

Бари ту Вахш бигардад ҷорӣ,
Сипарию сипаҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ.
Сангтӯдаст[1] ба Сангистонат,
Рашки хуршеду маҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ.
Саидӣ шод шавад аз нурат,
Ватани неругаҳӣ, Кӯҳи Сиёҳ.

*05.12.2010*

## ОИЛАИ АҲЛУ ТИФОҚ

Худо ба ман додааст ҳам додару ҳам хоҳар,
Муҳаббати ҳар кадом дар қалби ман баробар.
Падарамон деҳқон аст, одами кордон аст,
Ҳар ҷигарбанди падар ба ӯ ёрирасон аст.
Дар кори хонавода ҳама бошанд омода,
Вазифа иҷро кунанд покизаю озода.
Дар кору бори рӯзгор ҳар кас бошад ӯҳдадор,
Ҳайвоноти хонагӣ барояшон интизор.
Пагоҳӣ хеста аз хоб, ҳама намояд шитоб,
Ҳар нафар иҷро кунад вазифааш бехитоб.
Яке дорад гӯсола, дигар орад бузғола,
Дигар аз боми айвон, беда кунад кашола.
Аз ҳама хурди хона бе ҳеҷ як баҳона
Барои чӯҷаҳояш биёрад обу дона.
Модар бошад, шир ҷӯшад, аз шодӣ дил хурӯшад,
Зеро ки аҳли байташ бояд ки шир нӯшад.
Хоҳару бародарон, ҷумбида чақон – чақон,
Молу ҳоли хонадон, супорида ба чӯпон.
Акнун сари дастурхон, ҳама хушҳолу хандон,
Мардуми деҳа ҳайрон аз аҳли Ҳоҷӣ Бойхон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*09.01.2011*

[1] НОБ-и Сангтӯда-2 дар назар аст

## «БОРОНУ ЖОЛАЮ БАРФ»

*Ба набераам Абдухолиқ*

Абдухолиқ дусола, Равад аз пушти хола.
Дастони ӯро дошта, «Хола»-ро гӯяд «жола».

Тай-тай, по-пой меравад, Як по – ду по меравад.
Бо холаи Амина Ӯ назди ҳой меравад.

Хола ӯро ҳой диҳад, Ҳар саҳар ширчой диҳад.
Дар ҳар калимаи нав Кулчақанду чой диҳад.

Имрӯз навбати жола, Такрор кунад ба хола.
Кулчақандат куҷо шуд, Гӯяд базӯр ӯ жола.

Хола гӯяд ба ҷиян: Акнун бигӯ ту ба ман.
Жола борад бо борон, Такрор кун чақон-чақон.

Абдухолиқ не гӯяд, Бо каме танбеҳ гӯяд,
Талаб карда кулчақанд, Чандин баҳона ҷӯяд.

Аввал бидеҳ тӯҳфаям, Ман баъд аз он мегӯям.
Чаро фиреб медиҳӣ, Ба бибиҷон мегӯям.

Хола бошад, бо исён, Бигӯ куҷой, борон.
Писарбачаи ҳайрон Гирякунон гуфт борон.

Баъди ин боз чандин бор, Гӯяд такрор ба такрор.
Холаҷони ҷони ман, Ба ман кулчақанд биёр.

Хола гуфто: офарин, Болои кӯҳро бубин.
Дар болои қуллаҳо Хобида барфи симин.

Акнун бикун ту такрор, Калимаҳо чандин бор:
Борону барфу жола, Талафузашро бисёр.

Писарбачаи гирён,
Намехоҳад бигӯяд

Ногаҳ шуд тиру камон,
Тандуру чароғак зад.

Баъди борони найсон
Аз баъди жола борид

Ниҳоят ба душворӣ,
Ҳар се калимаро гуфт

Холаякаш аз ҷевон,
Навозиш карда диҳад

Ин бачаҳаки хурдсол
Қуруп-қуруп бихӯрад

Хола гуфто: ту акнун
Бобоҷонат меорад

Ӯ гӯяд: бо ҳаяҷон,
Бобоҷон дар Ҳиндустон,

Чи тавр ояд бобоҷон,
Магар дорад тайёра,

- Ҳавопаймо биёрад,
Барои Абдухолиқ

- Худо гӯем, холаҷон,
Барои ман биёрад,

Қаҳру ғазабаш калон,
Ягон ҳарф ба холаҷон.

Абри сияҳ дар осмон,
Дар як даме шуд борон.

Жола ҳам шуд намоён,
Барфи сафед аз осмон.

Баъди мошинсаворӣ.
Бурро ба устуворӣ.

Барои «жола», «борон»,
Як кулчақанди калон.

Кулчақанд карда ҳалол,
Тӯҳфаашро бемалол.

Калимаҳо аз худ кун,
Аз Ҳиндустон афлесун.

Канӣ-канӣ бобоҷон?
Ӯ меояд тобистон.

Аз кишвари Ҳиндустон?
Ё қатораи калон?

Бобоҷонат фарорад.
Бозичаҳо биёрад.

Тезтар ояд бобоҷон.
Мошинчаи фаровон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*09.12.2010*

## ШАРШАРА

*Ба набераам Саидов Навшод, ки дар синфи 7-ум таҳсил мекунад, бахшида шуд*

Навшоди мо наврас аст,
Ҳар пагоҳӣ ӯ барвақт
Ҳамекунад шустушӯй
Дандонҳо тоза кунад,
Либосҳояшро пӯшад,
Ду тухму ним коса шир,
Каме қаймоқи яхин,
Дар болои дастурхон
Навшод кунад ноништа
Пас равад сӯи мактаб
Бибиҷонаш аз қафо
Бароят нисфирӯзӣ
Рафиқонатро биёр,
То ки муҳандис шавӣ,
Он гаҳ созӣ нерӯгоҳ

Ӯ бачаи қадрас аст.
Бихезад аз тахти рахт.
Бо собун бе гуфтугӯй.
Худро озода кунад.
Баъд аз он чояш нӯшад.
Ҳам маскаю ҳам панир.
Ҳам кулчаи равғанин.
Тайёр кунад бибиҷон.
Бо бибияш нишаста.
Ин бачаи боадаб.
Гӯяд, бачам зуд биё.
Ош мепазам бо сабзӣ.
Баҳо бигир панҷу чор.
Боақлу тамиз шавӣ,
Дар Шаршараи зодгоҳ.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*09.12.2010*

## АХТАРИ МАН

*Ба духтарам Умеда*

Духтари ман Умеда,
Нишоти ман Умеда,
Ахтари ман Умеда,
Наботи ман Умеда.

Умеда меҳрубон аст,
Дар ҳама кори хона
Баҳори хонадон аст.
Доим ёрирасон аст.

Умедаҷон дар мактаб
Хубу аъло мехонад,
Бошад доим боадаб.
Ҳама чиро медонад.

Баҳо гирад панҷу чор,
Дар ин дунёи рангин
Мукофотҳои бисёр.
Худо ӯро нигаҳдор.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*09.12.2010*

## ДИЛШОД

Дилшоди мо дар мактаб
Модарҷону падарҷон
На китобу на дафтар,
Вазифаи хонагӣ
Мактабро хуш надорад,
Ӯ бачаи ҷангара,
Аз ин рафтору кирдор
Дода акнун ҷазояш,
Ду дастонаш рӯболо,
Дилшод акнун ваъда дод
Падарҷон, назанед чӯб,
Дар мактаб хонам аъло,
Беадабиро зинҳор

Дурӯғгӯю беадаб.
Фиреб диҳад ҳар замон.
На қалам дорад дар бар.
Рӯи дафтар мондагӣ.
Ҳеҷ гаҳ сар нафарорад.
Ҳар кас кунад масхара.
Падар бишуд хабардор.
Кунҷи хона шуд ҷояш.
Назар карда пеши по.
Ба оҳу доду фарёд:
Мешавам бачаи хуб.
Шавам одами доно.
Дигар накунам такрор.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*25.01.2011*

## НАВШОД

Дар ин фасли зимистон
Зеро ки пазмон шудаст
Дар фурудгоҳи калон
Ба канори бобоҷон
Дар майдони ҳавоӣ
Аз боду ҳавои он
На абре андар осмон,
Сабзу хуррам дарахтон,
Навшод гуфто: бобоҷон,
Бобо гуфто: бачаҷон!
Агар хоҳӣ барфбозӣ,

Навшод омад Ҳиндустон,
Бобоҷони дилу ҷон.
Пешвоз гирифт бобоҷон.
Навшод расид дав-давон.
Аз гармию рӯшноӣ
Писарбача шуд ҳайрон.
На барф борад, на борон.
Ҳам кӯҳу дашту домон.
Канӣ барфи зимистон?
Бобо накун саргардон.
Баргард Тоҷикистон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*20.01.2011*

## ВАТАНДӮСТ

*Ба писарам Баҳодур*

Ҷавони боғайрат аст ин писарам Баҳодур,
Барои ҳар кору бор ҳам чаққону ҳам ҷасур.
Хонданро пеша кардаст баҳри ояндаи худ,
Худо шавад мададгор, то ӯ расад ба мақсуд.
Дар Ҳиндустон бихонад, ӯ мешавад муҳандис,
Ташна ба илму дониш, дилгарм ӯ ба тадрис.
Текнулоҷӣ омӯзад дар илми замонавӣ,
Техникаи муосир, намудҳои энерҷӣ.
Электрон, компютер – ин фанҳои асосӣ
Алоқаю телефон – аксоби ихтисосӣ.
Дорад ба Ҳинд таҳсил, аммо бувад Ватандӯст,
Исмоили Сомонӣ доҳии маҳбуби ӯст.
Дар кишвари Ҳиндустон аъло бихон, писарҷон,
Ба роҳат интизор аст Ватанат – Тоҷикистон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*29.12.2010*

## КӮРПАҲОИ БАРФИН

*Ба набераам Шабнам мебахшам*

Ҳавлию боғи бобо,
Дар миёни ҳавлиҷо
Дар шохи калони он
Имрӯз нисфирӯзӣ
Шабнамак ҳой меравад,
Мехезаду мешинад,
Болою поён равад,
Аз шамоли зимистон
Сару либосаш рангин,
Офтобаки шӯълавар
Ҳар гаҳ меравад боло,
Ҳар гаҳ болоӣ шавад,

Дар назди Қароболо.
Чинори калон ба по.
Ҳой бираванд кӯдакон.
Шабнам омад ба бозӣ.
Ба сари пой меравад.
Қуллаи кӯҳро бинад.
Чолоку чаққон равад.
Кокулакош парешон.
Лоларух асту шармин.
Сӯи ӯ карда назар.
Дилаш мегирад ҳаво.
Дилаш ҳавоӣ шавад.

Як даста зоғи сиёҳ
Карда чинор хиргоҳ.
Ногаҳон қар-қар карданд,
Дар осмон пар-пар карданд.
Тӯдаи барфи калон,
Сӯи Шабнам шуд равон.
Ӯ биафтид дар замин,
Дар рӯи барфи симин.
Шабнам озоре надид,
Аз ҷой хесту хандид.
Бигуфто сад офарин
Ба кӯрпаҳои барфин.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*20.01.2011*

## РОҲАТИ ҶОН

Модар ба ту шир бидод,
Ҳам нону фатир бидод.
Ин шири равғандор аст,
Қаймоқи он бисёр аст.
Ин шираки мазадор,
Аз алафҳои кӯҳсор.
Шираки гови кабуд,
Маро мекунад хушнуд.
Дар ин айёми баҳор
Мо шудем гӯсоладор.
Акнун шир фаровон шуд,
Ба мо роҳати ҷон шуд.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*29.12.2010*

## НАВШОД ДАР ПОКИСТОН

Навшод равад ба мактаб,
Ӯ бачаи боадаб.
Гирад доим панҷу чор,
Ба дарсҳо ӯ тайёр.
Сару либос озода,
Чеҳраи ӯ кушода.
Пагоҳӣ хезад аз хоб,
Мактаб равад бо шитоб.
Дар корҳои хонадон,
Ӯ бошад ёрирасон.
Бобоҷону бибиҷон
Аз кори Навшод шодон.
Зеро мехонад аъло
Дар мактаби Покистон.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*09.12.2010*

## БОҒИ БОБО

Боғи бобо калон аст, Дар дараи Поён аст.
Ангуру себу анор Дар он ҷо фаровон аст.
Паси ҳар буттаву барг Меваҳояш ниҳон аст.
Гелосу зардолуяш Роҳат ба ҷисму ҷон аст.
Ба бобоям ошно Ҳама хурду калон аст.
Бобои номдорам Фахри Тоҷикистон аст.

## ФАРҲАНГИ МО – ФАХРИ МО

Аминаю Фарзона Ба ҳамдигар дугона,
Ба мактабу ба хона Ҳарду якҷо равона.

Гуфто яке бо дигар: Магар ту дорӣ хабар?
Бошанд аз ин огаҳ Олам ҳама сар ба сар.

Дар маркази Аврупо, Дар Парижи Фаронсо.
Дар толори ЮНЕСКО Рӯзи фарҳангии мо
Бояд бигардад барпо.

Суруди миллии мо Диҳад дар он ҷо садо.
Ин садои Осиё Аз Тоҷикистони мо
Тӯҳфа ба халқи дунё.

Рақси тоҷикӣ шавад, Ба сад нозукӣ шавад.
Ҳам зарафшонӣ шавад, Ҳам бадахшонӣ шавад.
Суғду хатлонӣ шавад.

Давлатманди Хол хонад, Бо авҷи камол хонад,
Аз бадру ҳилол хонад, Ширин бемисол хонад.

Номи тоҷик шуд боло, Давлаташ шуд бобақо,
Зиндагӣ шуд босафо, Фарҳанги мо – фахри мо.

## НАСИҲАТИ ПАДАР

*(ба духтарон, ба тариқи ҳазл)*

Насиҳат ба духтарон,
Духтарони дилу ҷон,
Ин насиҳатро хонед,
То ки бишавед чаққон.

Бар меҳмон додед хӯрок,
Дастархонро кунед пок.
Нонҳоро бипӯшонед,
Зеро ки мешаванд қоқ.

Пос бидоред намакро,
Шӯед дегу табақро.
Накунед асло такрор
Кори зани шалақро.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*07.10.2011*

## ҚАДР

Қадри падару модар
Ба ҳар фарзанд баробар,
Ҳурматашон ба ҷо ор,
Ё духтар, ё ки писар.
Ҳарчанд гардӣ ту калон,
Ҳам соҳиби хонадон,
Қадри онҳоро бидон,
То нагардӣ пушаймон.

## НАҒМАИ ДУТОР

Ин ёри ман меравад,
Ғамхори ман меравад.
Аз кишвари Ҳиндустон
Дилдори ман меравад.

Душанбе равад ёрам,
Шабу рӯз интизорам.
Худо тезтар баргардад,
Ин нағмаи дуторам.

Ёрам равад Данғара,
Ба сӯи Хами Кара.
Аз падари меҳрубон
Тӯҳфааш оҳубара.

*Шаҳри Деҳлии Нав*
*29.04.2011*

## ОВОЗИ СЕТОР

Як тор, ду тор, се тор,
Торҳои бешумор.
Нохун занӣ ту чанд бор,
Дилҳо гардад беқарор.

Як тор, ду тор, се тор,
Такрор кун чанд бор.
Ин овози тор, тор,
Садои кабки кӯҳсор.

Як тор, ду тор, се тор,
Ин нағмаи ҷоннисор.
Аз алами сӯзи дил
Оби дида шашқатор.

Як тор, ду тор, се тор,
Ин нағмаи ғуссавор.
Ба хотири ман овард
Он падари бузургвор.

Як тор, ду тор, се тор,
Шаршараи чашмасор,
Оромии рӯҳу ҷон,
Замзамаи кӯҳсор.

*Шаҳри Деҳлии Нав*
*29.04.2011*

## НАСИҲАТ
### Ба писарам Баҳодур

Мебош банангу ҳам баномус,
То битвонӣ, ту илм омӯз,
Илме, ки ба ту барор орад,
Бас суд туро ба бор орад.
Омӯз раҳи Ватанпарастӣ,
Аз сидқ ту бо тамоми ҳастӣ,
Моем, ту боядо бидонӣ,
З-авлоди Курӯши ҷовидонӣ.

## ХАТКАШОН

Ташналабон пиру ҷавон,
Пайғоми ту ба ошиқон.
Туӣ марҳам ба дилу ҷон,
Ба ошиқон мададрасон.

Ошиқ манам, эй хаткашон,
Пайғомакам аз дилу ҷон
Зуд расон ба дилситон,
Зи кишвари Ҳиндустон.

Бигӯ, ки дӯст дорамаш,
Як умр интизорамаш,
То умр ҳаст, ёрамаш,
Ҳиндустон биёрамаш.

## ТӮЁНА

Меҳринисо тӯй шавад,
Соҳиби як шӯй шавад,
Як арӯси нозанин,
Модари хушрӯй шавад.

Меҳринисо тӯй шавад,
Ашки шодӣ ҷӯй шавад.
Дар таги чодар арӯс
Як гули хушбӯй шавад.

Меҳринисо тӯй шавад,
Як гули худрӯй шавад.
Ин санами куйбешӣ[1]
Як бути хушгӯй шавад.

## ИНТЕРНЕТ

Қосиди ман интернет,
Мавҷаш чу нури хуршед.
Маро мебахшад умед,
Зиндагӣ гардад сапед.

Танаш лаъли Бадахшон,
Ба банда ёрирасон.
Пайғоми рӯи ҷаҳон
Расида ба Ҳиндустон.

Ин дарахти сафедор
Навда дорад сад ҳазор.
Ҳамчу муждаи баҳор
Бароям хабаргузор.

---

[1] Ҳозира ноҳияи Ҷомӣ

Ҳар саҳар субҳи умед
Шабака сиёҳ-сафед,
Ман кушоям интернет,
Хабар резад барги бед.

Хабарҳои дам ба дам
Аз бароям фароҳам
Аз ҳама рӯи олам,
Аз дирӯз то ба ин дам.

Антарактида сармо,
Тамаддуни Урупо,
Ҳам гармии Африқо.
Амрикои дур аз мо.

Зебоманзар Осиё,
Хулоса, кулли дунё
Ҳусни Австролиё,
Пеши назарам пайдо.

Аз сиёсат, иқтисод,
Ҳам дархосту пешниҳод,
Эҳёи тозабунёд,
Аз ашъори навэҷод.

Аз санъату аз адаб
Ёрирасон аст аҷаб,
Воқиф гардам рӯзу шаб,
Бошад бароям мактаб.

Рӯзонаю шабона
Пайдо кунӣ ҷонона,
Қиссаи ошиқона,
Агар ёбӣ нишона.

Қосид аз Чину Ҷопон,
Манам доим дар армон,
Ҳам Мисру Афғонистон,
Ба мулкам Тоҷикистон.

Бистсолашуд Истиқлол,
Пешвоз гирем имсол,
Ин давлати баркамол.
Халқи тоҷикам хушҳол.

Интернет ёрирасон,
Пайғоми бистсола
Қосиди рӯи ҷаҳон.
Аз Тоҷикистон расон.

Сарвари Тоҷикистон,
Номашро кун ҷовидон
Эмомалии Раҳмон,
Дар ҳама рӯи ҷаҳон.

## ДӮСТ

Эй ёри ман, дармони ман,
Эй ҳамнафас Мавлони ман.
Аз чеҳраат хуш мешавам,
Гар ту расӣ бар хони ман.

*Шаҳри Душанбе*
*30.09.11*

## РАҲМАТ БА ТУ, ЭЙ ДЕҲҚОН

Дар охири зимистон
Гандуми нав харид кард,
Дар рӯзҳои офтобӣ
Мекард назора замин,
Пеш аз омади баҳор
Тухмии худро чошид,
Дар ибтидои баҳор
Мавсими Наврӯз омад,
Майсазор ҳам баланд шуд,
Он гаҳ ба он майсазор
Майсаи гандум бурданд,
Суманак тайёр карданд,
Карданд ҷашни Наврӯзӣ,
Шодию суруд карданд,
Ҳар кас мехӯрд суманак,
Суманак маззадор буд,
Тамоми аҳли майдон
Деҳқонинят зӯр шавад,
Гандум шавад фаровон,
Аз ҳама хурду калон

Бозор рафт марди деҳқон,
Тухмии худ ҷадид кард.
Деҳқон мекард кунҷкобӣ,
То ки набошад барфин.
Карда заминро шудгор,
Аз боло хок пошид.
Гандум бишуд майсазор.
Шодии фирӯз омад.
Хурсандӣ ҳам дучанд шуд.
Чанд кас шуданд раҳсипор.
Барои мардум бурданд.
Заҳмати бисёр карданд.
Ҳам рақсу ҳам гулдӯзӣ.
Мардумро хушнуд карданд.
Аз калон то хурдакак,
Ширину ширадор буд.
Раҳмат гуфтанд ба деҳқон:
Анборҳоят пур шавад.
Серӣ шавад обу нон.
Раҳмат ба ту,эй деҳқон.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*23.02.11*

## НОДОН

Як ҳафта пас имтиҳон,
Дар мактаби деҳамон,
Ҳоли Маҳмуди Қамар
Бисёр бошад дар хатар.
Мехонад синфи чорум,
Акнун задаст ӯ раҳгум.
Мактаб нарафт бесабаб,
Шуд бачаи беадаб.
Кораш шуд буҷулбозӣ,
Ҳамаро кард норозӣ.
Ҳам падару ҳам модар,
Ҳам Эмоми бародар.
Муаллими синфи ӯ
Бо Маҳмуд кард гуфтугӯ,
Ба ин бачаи нодон
Устод шуд ёрирасон.

*Шаҳри Душанбе*
*05.2011*

## ҲОФИЗАИ ХУШОВОЗ

Ҳофизаи хушовоз, манам зи ту сарфароз,
Таронаи ишқи ту бурда маро ба парвоз.
Ҳофизаи хушовоз, як навои хуш навоз,
Рӯҳу ҷонам тайёр аст, бишнавад шаби дароз.
Ҳофизаи хушовоз, Борбади маро навоз,
Ҳам овози ширину ҷилваҳои ту ба ноз.
Ҳофизаи хушовоз, қаду андом ҳама соз,
Қолинҳои рангоранг барои ту пойандоз.
Ҳофизаи хушовоз, мусиқият зӯру соз,
Бо ғазалҳои Ҳофиз гаштам ба ту ҳамовоз.
Ҳофизаи хушовоз, сабки ҳиндӣ ҷонгудоз,
Биё ба Тоҷикистон, туро барам ба Дарвоз.
Ҳофизаи хушовоз, холи ҳиндият ба ноз,
Биё ба мулки тоҷик, Саидӣ гирад пешвоз.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*20.01.2011*

## ШОИРӢ ПЕША КАРДАМ

Бо меҳр шеър гӯем бо сад ҳазор уммед,
Бо шеър хонаи ман дорад ҳазор хуршед.
Бедил дуогӯи ман дар кишвари фасона,
Фикрам ба шеър банд аст дар коргоҳу хона.
Фарзанди осиёям, бо рӯҳи осиёӣ,
Як осии ҷаҳонгард, як шоири зиёӣ.
Дур аз Ватан ҳамеша, аммо Ватанпарастам,
Дар фикри кишвари худ, ёрон, ҳамеша ҳастам.
Хуб аст, иншооллоҳ, тақдири Тоҷикистон,
Рӯзе расад ба дунё таъсири Тоҷикистон.
Эй Саидӣ, ки кардӣ шоириро ту пеша,
Дар ин раҳи муқаддас содиқ бимон ҳамеша.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*13.12.2010*

## СОЛИ НАВАТ МУБОРАК!

*Ба сафири фавқулода ва мухтори ҶТ*
*дар Ҷумҳурии Қазоқистон Баҳром Холназаров*

Баҳроми Маҳмадназар, Соли Нават муборак!
Фахри миллату кишвар, Соли Нават муборак!
Табрик менамоям аз кишвари Ҳиндустон,
Бодо дилат мунаввар, Соли Нават муборак!
Дар ин соли милодӣ, бинӣ барору шодӣ,
Бошӣ баҳорпарвар, Соли Нават муборак!
Худо ба ту бидода, ба аҳли хонавода
Ин табрикоти ман бар, Соли Нават муборак!
Тинҷӣ – амонӣ бошад дар мулки Тоҷикистон,
Ваҳдат шавад саросар, Соли Нават муборак!
Баҳром дар Қазоқистон, Саидӣ дар Ҳиндустон,
Гӯяд, ки эй бародар, Соли Нават муборак!

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*31.12.2010*

## ЧАШМАТ ПУР АСТ АЗ НОЗ

Эй ҳофизи хушовоз, шеъри дигар биоғоз,
Ту ҷони ошиқонро овардаӣ ба парвоз.
Булбул таронахон шуд бар рӯи шохсорон,
Имрӯз кӯчаҳоро пур кардӣ созу овоз.
Эй мутриби хушовоз, ғамро ҷудо кун аз мо,
Шеъри дубора сар кун, сози дубора бинвоз.
Бо шеърҳои Хайём рафтем то Нишопур,
Бо шеърҳои Ҳофиз моро бибар ба Шероз.
Дарвозаи дилатро бикшо ба рӯи ошиқ,
Саршор аз гулам кун мисли баҳори Дарвоз.
Овардаӣ бароям ту тӯҳфаи фаровон,
Дастат пур аст аз гул, чашмат пур аст аз ноз.
Ҳар шеъри тозаи ту ҷонро ҳаёт бахшад,
Эй ҳофизи хушовоз, шеъри дигар биоғоз.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*13.03.2012*

## НАВРӮЗ

Дил тоза бибояд кард дар мавсими наврӯзӣ,
Саҳро ҳама пургул шуд бо санъати гулдӯзӣ.
Лабханд бизан, эй дил, ҳангоме баҳор омад,
Сар кун шабу рӯзатро бо шодию беҳрӯзӣ.
Эй ҷон, ту чаро аз худ гоме назадӣ берун?
Эй дил, ту чаро имрӯз аз дард намесӯзӣ?
Анвори баҳор омад, ҳангомаи кор омад,
Ку нони ҳалоли ту, биштоб паи рӯзӣ.
Дар мактаби фарвардин таҳсили шукуфтан бин,
То дарси сарафрозӣ аз сарв биомӯзӣ.
Меҳрат ба замин андоз, то сабз шавӣ з-оғоз,
То ақли ту бишкуфад, то ишқ биандӯзӣ.
Аз оташи ин гулҳо, сармо сипарӣ гардид,
Дил тоза кунед имрӯз дар мавсими пирӯзӣ.

*Шринагар, Кашмир*
*13.03.12*

## АНҶУМАНИ БЕДИЛ

Имшаб ғазале гуфтам дар анҷумани Бедил,
Биншаст ба ҷони ман атри сухани Бедил.
Рафтам ба мазори ӯ, то фотиҳае хонам,
Он хок нишоне дошт аз ҷону тани Бедил.
Деҳлӣ пури гул гашта бо ҳар ғазали нағзаш,
Лабрез зи гул бодо боғу чамани Бедил.
Ҳар барги сапедеро бинӣ чу ғазал дар он,
Дар чашми ману ёрон бошад кафани Бедил.
Дар Ҳинд, ки бӯи хушк аз дашту даман ояд,
Бошад ҳама бӯяш аз дашту дамани Бедил.
Тоҷикию эронӣ, афғонию ҳиндӣ ҳам,
Ҳар ҷо ки раванд, он ҷо бошад ватани Бедил.

## БА ҲУНАРМАНДИ ШИНОХТА ГУЛЧЕҲРА СОДИҚОВА

Панҷ писару як духтар
Ҳамаашон санъаткор,
Ташаккур бар ту, модар,
Калон кардӣ бо сад ноз,
Мусиқии гуногун,
Бозоралӣ дойрадаст,
Сурудхон Маҳмадалӣ,
Аз худ кард касби падар,
Форам овози ғиҷҷак,
Ғиҷҷакзани моҳир аст,
Рақс кунад Момаҷон,
Ин авлоди санъаткор,
Дар Эрон, Афғонистон,
Дилҳоро карда моил,
Ин мисраъҳои равон
Дар ин мулки Ҳиндустон
Калон бикарда модар.
Мардум дорад ифтихор.
Фарзандонат пурҳунар.
Орзуҷонат оҳангсоз.
Қурбоналӣ занад чун.
Аз садояш гардӣ маст.
Овозаш хеле олӣ.
Маҳмадвалии модар.
Мезанад ҳама қарсак.
Ба ҳама кор қодир аст.
Аз рақсаш ҳама ҳайрон.
Дар олам овозадор.
Ҳам кишвари Ҳиндустон.
Ҳамаро кард қоил.
Аз Саидбеги Бойхон
Ҳадя шуд ба апаҷон.

## ВАФОДОР

Як ҳайвони вафодор дар ҳама давру замон,
Ҳалқа зада назди дар, ӯ хонаро нигаҳбон.
Ин дӯсти хонавода, аз ҳама кас чақон аст,
Агар касе биёяд, ӯ аз ҳама пеш равон.
Аз ҳайбаташ битарсанд душманони хонадон,
Душмани қотил бувад барои гургу дуздон.
Он даву тоз мекунад, даҳонро боз мекунад,
Розӣ гардад зи соҳиб бо як пора устухон.
Дастиёри хонадон, бозигари кӯдакон,
Ҳама ӯро бигӯянд, биё-биё, «Меҳрубон».

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*22.04.2011*

## ДАЪВАТ

Ба ман мекард табассум аз байни гулу гулзор,
Бо чашмони хуморӣ мегуфт манам интизор.
Дар поёни акси ёр буд номаи чун шиор,
Ишқам барот, эй ҷавон, соф аст чу оби кӯҳсор.
Ман ҳам ошиқи дидор, ман ҳам зи ишқ бархурдор,
Ин аст садои қалбам, гӯям такрор ба такрор.
Ба ӯ кардам ман нома аз тариқи сомона,
Ба ӯ гуфтам, ҷонона, биё бе ҳеҷ баҳона.
Биё ба Тоҷикистон, ба мулки Оли Сомон,
Биҳишт асту гулистон, зиндагӣ кун дар Бӯстон.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*15.05.2011*

## БАЗМИ РЕЗАБОРОН

Аз боғ мегузаштам бо сад хаёлу орзу,
Дидам ҷуфти кабӯтар бо худ кунад гуфтугӯ.
Мурғакони саҳроӣ шохе ба шох ҷаста,
Чаҳ-чаҳ зада мегуфтанд ба якдигар: ку-ку-ку.
Нигоҳам сӯи осмон, ҳайрон шудам он замон,
Дидам, ки резаборон болҳо кунад шустушӯ.
Паррандагони дигар овораи паропар,
Як уқоби нӯлханҷар пайдо шуд дар рӯ ба рӯ.
Ин мурғони хушилҳон, ин базми резаборон
Муждарасони баҳор баҳри мо, бегуфтугӯ,
Ба худ гуфтам: Саидӣ, муждаи мурғон бубин,
Дар ин баҳори хуррам, канӣ он ёри дилҷӯ?

*Шаҳри Деҳлӣ*
*05.09.11*

## РӮ БА РӮЯМ НИШАСТА

Рӯ ба рӯям нишаста, аз ҳама хушрӯӣ ту,
Чашмаки ман ба чашмат ҳар гаҳ кунад гуфтугӯ.
Ба чашмони зебоят ҳар гаҳ назар афканам,
Ин дилаки ҷавонам аз он кунад пурсуҷӯ.
Чашмаки ман ба чашмат, дил шуда қурбони ту,
Дилаки ман ба дастат, ошиқи чашмони ту.
Нишаста рӯ ба рӯям, хушқаду зебоӣ ту,
Бурда дилу ҷони ман чашми дилорои ту.
Ба чашмони сиёҳат гоҳе назар афканам,
Ба сӯи ту бо ҳавас ман болу пар афканам.
Қурбони чашми мастат, дил шуда пазмони ту,
Саидбеги Бойхонпур ошиқи ҷавлони ту.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*10.10.2010*

## МАН ТУРО ЁД МЕКУНАМ

Эй ёри ман, кучо шудӣ, ман туро ёд мекунам,
Аз ман чаро ҷудо шудӣ, ман туро ёд мекунам.
Мо зи ғами ту дарбадар, гирди ҷаҳони пурхатар,
Дар хона ту бачо шудӣ, ман туро ёд мекунам.
Ҷустам туро дар ҳама ҷо, дар Африқову Осиё,
Дар дили ман ту ҷо шудӣ, ман туро ёд мекунам.
Шод ба ёди ту дилам, ҳарчанд ҳаст мушкилам,
Ороми ҷони мо шудӣ, ман туро ёд мекунам.
Фикри маро надорӣ ту, зикри маро надорӣ ту,
Бераҳм ту чаро шудӣ, ман туро ёд мекунам.
Оҳ, машав ту камнамо, раҳме ба Саидӣ намо,
Гарчи ту камнамо шудӣ, ман туро ёд мекунам.

*Шаҳри Деҳлии Нав,*
*19.12.2010*

## БА ХОНУМ НОДИРА

Манам бачаи Дарвоз,
Ишқи маро ту оғоз.
Ҷони ман фидои ту,
Эй гули мӯ бамӯ ноз!

Нодира, тоҷи сарӣ,
Зебову мунавварӣ.
Ишқи ту дар ҷони ман,
Ҳаққо, аҷаб дилбарӣ.

Ту ҳастӣ аз Бухоро,
Аз ҳама ҳастӣ боло.
Ошиқи ту ҳамеша
Мираличони Бобо.

Хурсанд шав ту имрӯз,
Пайванд гардад Фирӯз.
Ин домоди неккадам
Ба арӯс бошад дилсӯз.

Гӯем дуо ба онҳо:
Бошанд умре бовафо,
Зиндагӣ ширин бинанд
Ширинумрони дунё.

Ватанро обод кунанд,
Дили мардум шод кунанд.
Дар овони пиримон
Моро мардум ёд кунанд.

*Шаҳри Душанбе*
*11.10.2011*

## БА ОВОЗХОНИ ОЯНДАДОР

*Рустами Ғуломӣ, фарзанди*
*шоири некном Мӯсо Ғуломӣ*

Рустамҷони Ғуломӣ,
Ту марди некӯномӣ.
Бошӣ писари шоир,
Ҳофизи хушилҳомӣ.

Сарчашмаи илҳомат
Он падари бономат.
Хурсанд гарданд аз ту
Мухлисон то қиёмат.

Шеъри падар зам-зама,
Маъқул барои ҳама,
Бо овози дилписанд
Дилҳоро кунӣ пайванд.

Эй ҷавони Кӯлобӣ,
Ту ҳофизи ноёбӣ.
Дуо кунем доимо,
Ту ёбӣ комёбӣ.

*Шаҳри Душанбе*
*12.04.2012*

## БА ҲУНАРМАНДИ МАРДУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАВЛАТМАНДИ ХОЛ

Давлатманди давлатманд, бо овози дилписанд,
Дар тоҷику дар Эрон, шӯҳратмандӣ, шӯҳратманд.
Овоз мехонӣ зебо, бо карнову бо сурно,
Мафтуни овози ту бенавою сарватманд.
Танбӯр дар дастонат мегиряд ё мерақсад?
Овозҳо мехонӣ бо гиряву бо лабханд.
Бонги рубобат зебост, фарёди ту аз куҷост?
Дилҳои мо мардумро бо арш додӣ пайванд.
Дилро ту мегудозӣ, ғиҷҷак чу менавозӣ,
Бонги Худой дорӣ бо он овози баланд.
То менавозӣ дутор, дил мешавад беқарор,
Овози ту дилпазир, мусиқиат дилписанд.
Агар занӣ ту сетор, асабҳо гирад қарор,
Ҷонҳо шавад шодмон, дилҳо шавад сиҳатманд.

Дар оҳанги дилнавоз, раққоса рақсад ба ноз,
Ишқи нав гардад оғоз аз Кӯлоб то ба Хуҷанд.
Фалаки даштӣ хонад, дилбари Раштӣ донад,
Аз ҳофизи Кӯлобӣ Тоҷикистон сарбаланд.
Сароянда мардумӣ, раққосаҳо гандумӣ,
Куртачакан мерақсад бо садои Давлатманд.

## БА ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК РАСУЛ БОҚИЕВ

Рустами Шаҳномаро такрор кун,
Халқи тоҷикро шараф осор кун.
Карда мағлуби рақибон дар набард,
Тоҷиконро дар ҷаҳон солор кун.
Халқи тоҷик бо ту дорад ифтихор,
Миллатамро аз фараҳ саршор кун.
Тан ба тан гашта ту бо Чину Ҷапон,
Фатҳи нав бо меҳнати бисёр кун.
Ҳар гаҳе мағлуб гарвон ёри худ,
Душмани тоҷ икро бебор кунӣ.
Доваре гар хайрхо набвад, дареғ,
Даври оламро зи нав водор кун.
Дасти боло бивор анвор набард,
Варзиши тоҷикро подор кун.
Парчами мо боз болотар шавад,
Тоҷи тиллоӣ ба фарқат бор кун.
Давлати тоҷик шавад овозадор,
Дӯсти тоҷикро бисёр кун.

*Шаҳри Деҳлии Нав*
*20.12.2010*

## САНГТӮДА

Сангтӯдаҷон зебоӣ, дар қалби ман ту ҷоӣ,
Бо шӯҳрати дунёӣ ту аз ҳама болоӣ.
Дӯстиро пеша кардӣ, равнақи кишвар ҳастӣ,
Бо халқи эрону рус ҳамеша ҳамсадоӣ.

Сарсаракат дилкаш аст, кӯҳу барат дилкаш аст,
Дарёи Вахшат ҷорӣ, аҷаб ту дилкушоӣ.
Дар дараи Баҳорак лола рӯяд қаторак.
Дуввумӣ баъди Норак, обаки ту тиллоӣ.
Як тараф оби зулол, пешакаш соҳибҷамол,
Байни ду абрӯяш хол олам кунад рӯшноӣ.
Боғи анор ту дорӣ, кабки кӯҳсор ту дорӣ,
Бӯи баҳор ту дорӣ, яқин, ки дилкушоӣ.
Зебогулрухон дорӣ, гӯё ки ҷаҳон дорӣ,
Кӯзабадаст оянд, сару афзор ҷилоӣ.
Махзани нур ту гаштӣ, гавҳару дурр ту гаштӣ,
Хонаи пур ту гаштӣ, ту макони зиёӣ.
Аз номи ту бинозем дар ҳама ҷои олам,
Зеро ки ҳастӣ ба мо ту манбаи рӯшноӣ.
Дар ғарибӣ Саидӣ ёди туро мекунад,
Тасаллои дили ман дар айёми танҳоӣ.

## КАДБОНУ

Ин ёри ман хамир кард,
Дар як лаҳза фатир кард.
Шакароби бомазза
Бо чаккаи Кашмир кард.
Ин ёри ман хамир кард,
Кулчаҳои башир кард.
Дастархони бошукӯҳ
Аз барои вазир кард.

## ИДИ МОДАРОН

Муборак иди занон,
Ба ҳамаи хонумон.
Бахусус ба ёракам,
Аз самими қалбу ҷон.
Аҷаб зебо духтарон,
Табрик иди модарон,
Худо, шавед зеботар
Дар кишвари Ҳиндустон.

## ЁФТАМ

Ёфтам табиби қалбам,
Аз ҳама хуб дар олам.
Дилафрӯз ӯро ном аст,
Зебову хушхиром аст.
Нигори ҳалқадор аст,
Ду чашмакаш хумор аст.
Зулфакон хами дар хам,
Ҳуснашро мекунад зам.

## НОЗАНИН

Хушрафтор аст Нозанин,
Ин ёри болонишин,
Қалби маро даво кард,
Лекин дилам шайдо кард.
Надонистам чун кардам,
Ин қалби худ хун кардам,
Мехоҳам, ки доимо
Қалбамро кунад даво,
Саидӣ сиҳат шавад,
Фишори хун сад шавад.

## САРВАТИ БЕБАҲО

Биё, биё азизакам, умеди ман, ҳавои ман,
Бар сари болинам биё, дарди ману давои ман.
Олами бебаҳо туӣ дар ин, ҷаҳони орзу,
Давлату бахти ман бишав сарвати бебаҳои ман.

## МУШКИЛ

Имрӯз чӣ рӯзи мушкил, пайғоми ман наомад,
Бе ҷуръаи шаробе, илҳоми ман наомад.

## ТАННОЗ

Гове, ки шир надорад, овози баланд дорад,
Зане, ки ҳусн надорад,таннозӣ дучанд дорад.

## ПАЙҒОМ

Наврӯз омад ба кишвар, ман, ки бошам дар сафар,
Эй қосиди хаткашон, пайғоми манро бибар.
Пайғом бибар ба модар, он модари тоҷи сар,
Он падари бузургвор, ҳам хоҳару бародар.

* * *

Наврӯз омад, баҳор шуд,
Дилакам беқарор шуд.
Ба дидори ҷонона
Ду чашми сарам чор шуд.

*Шаҳри Деҳлӣ*
*20.004.2011*

## САЛОМАТ

Духтаре дидам,
Қашангу зебо,
Зулфаш парешон,
Мӯяш тиллоӣ,
Туӣ, Саломат,
Монад Саидӣ

Номаш Саломат,
Хушқаду қомат.
Чеҳрааш хандон.
Гашташ хиромон.
Хоҳари шафқат.
Умре рафиқат.

*Шаҳри Душанбе*
*13.04.2012*

## МУНДАРИЧА


Ҳиндустон .......................... 5
Безавол .............................. 5
Маҳатма Гандӣ ................. 6
Деҳлӣ ................................ 7
Бедил ................................ 7
Духтари Кашмирӣ ............ 8
Паҳлгон ............................. 8
Дар шаҳри Конпур ............ 9
Гита Милла ..................... 10
Раққосаи чиноӣ ............... 11
Ҷавони кашмирӣ ............ 11
Модар ............................. 12
Пиряхи кӯҳӣ .................... 13
Кашмир ........................... 15
Биё .................................. 16
Ёри намангонӣ ................ 17
Зуд омадӣ, хуш омадӣ..... 17
ёди диёр .......................... 18
Хитоб ба заҳҳокони аср .. 18
Шиновар .......................... 19
Дар Кашмир .................... 19
Сайри ҷаҳон .................... 20
Аҷоиб духтар .................. 21
Варзишгардухтар ............ 21
Духтари аврупоӣ ............. 22
Ба Истамана Раҳман ........ 23
Зодрӯз .............................. 24
Бизан сетор ..................... 24
Фархундамард .................. 25
Нозия ............................... 25
Ҳусни ҷаҳонгир ............... 26
Боронҳои Ҳиндустон ....... 27
Мумбай ............................ 27
Хонуми банголӣ .............. 28
Ҷонон ............................... 28
Офарин ............................ 28
Пораҳо .............................. 28
Кӯҳи Сиёҳ ........................ 29
Оилаи аҳлу тифоқ ........... 30
Борону жолаю барф ......... 31
Шаршара .......................... 33
Ахтари ман ...................... 33
Дилшод ............................ 34
Навшод ............................ 34
Ватандӯст ......................... 35
Кӯрпаҳои барфин ............ 35

Роҳати ҷон........................ 36
Навшод дар Покистон..... 36
Боғи бобо ......................... 37
Фарҳанги мо - фахри мо . 37
Насиҳати падар................ 38
Қадр ................................. 38
Нағмаи дутор ................... 38
Овози сетор...................... 39
Насиҳат ба Баҳодур......... 39
Хаткашон ......................... 40
Тӯёна................................ 40
Интернет .......................... 40
Дӯст ................................. 42
Раҳмат ба ту, эй деҳқон .. 42
Нодон............................... 43
Ҳофизаи хушовоз ............ 43
Шоирӣ пеша кардам ....... 44
Соли нават муборак!....... 44
Чашмат пур аст аз ноз..... 45
Наврӯз.............................. 45
Анҷумани Бедил............. 46
Ба Гулчеҳра Содиқова.....46
Вафодор ...........................47
Даъват ..............................47
Базми резаборон..............48
Рӯ ба рӯям нишаста .........48
Ман туро ёд мекунам.......49
Ба хонум Нодира.............49
Ба Рустами Ғуломӣ .........50
Ба Давлатманди Хол........50
Ба Расул Боқиев ...............51
Сангтӯда ..........................51
Кадбону............................52
Иди модарон....................52
Ёфтам ...............................53
Нозанин............................53
Сарвати бебаҳо................53
Мушкил............................53
Танноз ..............................53
Пайғом .............................54
Саломат............................54

**Саидбег Саидӣ**

**ЗАМЗАҲОИ ҲИНДУСТОН**
***(Маҷмӯаи шеърҳо)***

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 06.07.2012 супорида шуд.
Чопаш 11.07.2012 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 8,0. Андозаи 60х84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17а

Дар ЧДММ «Аршан» ба табъ расидааст.